## Андоз аз даромад

1) Даромади андозбандишавандаи ҷойи кори асосии шахси воқеӣ аз рӯи меъёрҳои зерин андозбандӣ мешавад (моддаи 103 КА):

| р/т | Маблағи даромади андозбандишаванда (дар як моҳ) | Маблағ ва меъёри андоз |
|---|---|---|
| 1. | На зиёда аз тарҳи шахсӣ | Даромад андозбандӣ намешавад (аз андозбандӣ озод) |
| 2. | Зиёда аз миқдори тарҳи шахсӣ то 140 сомонӣ | 8 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз тарҳи шахсӣ<br>(140 – як нишондиҳанда барои ҳисобҳо)*8% |
| 3. | Зиёда аз 140 сомонӣ | Маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз 140 сомонӣ<br>(Музди меҳнат – 140)*13% |

2) Даромади андозбандишавандаи шахси воқеӣ ки дар қисми 1 пешбинӣ нагардидааст, бо меъёри 13% бе татбиқи тарҳҳои пешбининамудаи Кодекси андоз, ба истиснои тарҳи андози иҷтимоии пардохтшуда барои шахси суғурташуда, андозбандӣ карда мешавад.

3) Даромад дар шакли музди меҳнати андозбандишавандаи шахси воқеӣ – ғайрирезидент бо меъёри 25% андозбандӣ карда мешавад.